«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДМТ,
профессор Хушвақтзода Қ. Х.
________________
«__» ____________2020 г

**Хулосаи**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**доир ба диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмахмад Бобо дар мавзӯи “Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таъсири он дар таснифоти муосири илм” ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа**

Дисссертасияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо дар мавзӯи **«Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таъсири он дар таснифоти муосири илм»** дар Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Аз рӯйи ҷамъбасти муҳокимаи дисертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо дар мавзӯи «Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таъсири он дар таснифоти муосири илм» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа хулосаи зерин қабул карда шуд:

Диссертатсия таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳамияти назарию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Муаллиф пажӯҳиши густурда ва муфассалеро анҷом додааст, ки он дорои арзиши баланди илмӣ мебошад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар таҳқиқоти илмӣ диссертант аз усул ва равишҳои маъмулии илмҳои фалсафӣ истифода намуда, марҳилаҳои ташаккули таснифоти илм дар асрҳои миёнаро мавриди пажӯҳиш қарор дода, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ комёб гардидааст. Аз ҷумла, таҳқиқи масъалаи

таснифоти илм (класификация) дар таърихи фалсафа аз замонҳои қадим, то ҳанӯз идома дошта, меъёрҳои таснифоти он дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ вижагиҳои ба худ хосро дорад. Дар асоси пажӯҳишҳои муҳаққиқони муосир илм бо тарзу усулҳои гуногун тасниф шудааст ва он омилҳои зиёду мушкилоти бисёреро дар бар мегирад. Омӯзишу баррасии таҳқиқи ин мушкилот ба равишҳои гуногун ва бо такя ба марҳилаҳои тараққии илм ва афкори фалсафӣ мубрам ва муҳим мебошад.

Пас аз истиқлоли кишвар пажӯҳиш дар осори ниёгон яке аз самтҳои муҳими илми ватанӣ буда, дар ташаккули худшиносии миллӣ нақши вежа дорад. Дар 70 соли собиқ Иттиҳоди Шуравӣ идеологияи маркисистӣ, ки фарогири тамоми соҳаҳои илм буд, дар омӯзиши таърихи фалсафаи миллӣ бештар масоилеро матраҳ месохт, ки ба идеологияи худаш созгор бошад. Чунин масъалагузорӣ сабаби фаҳмиши яктафаро ба миён овард ва шинохт ва баррасии масъалаҳои муҳими фалсафиро маҳдуд мекард.

Муҳаққиқ доир ба мафҳумҳои калидии таҳқиқот – таснифоти илм, ҳамгирой ва аз таҷзияи илмҳо, ташаккули назарияҳои таснифоти илм, методологияи таснифи илмҳо, илмҳои назарӣ ва амалӣ, илмҳои ақлӣ ва нақлӣ ва ба монанди ин истилоҳот маълумоти муфассал дода, тавассути методологияи дурусти илмӣ мавзӯъро таҳлил намудааст. Илова бар ин, муҳаққиқ моҳият ва муҳтавои таснифоти илмро тариқи равишу усулҳои дуруст ва аз мавқеи объективонаи илмӣ таҳлилу баррасӣ кардааст. Муҳаққиқ дар омода намудани диссертатсия аз сарчашмаҳои илмии муҳақиқони ватанӣ ва хориҷӣ фаровон истифода намуда, мавқеи хешро оиди масъалаҳои баҳсноки илмӣ дақиқ муайян кардааст. Дар рафти таҳқиқ муаллиф аз усулҳои таҳлил, таркиб, таҷрид, индуксия, дедуксия, муқоиса, умумиятдиҳӣ, таъвил ва ғайра васеъ истифода намудааст.

Мазмуну моҳият ва муҳтавои тадқиқоти илмӣ, коркардҳои методологии дар кор истифодашуда ва натиҷаҳои бадастовардашуда, махсусан тасаввуротро оид ба ташаккули мафҳумҳо ва назарияҳои илмие, ки омили ягонагӣ ва тақсими илмҳо ба шохаҳои мухталиф гардиданд, муайян кардани тафовути илмҳои гуногун дар асоси мабодӣ, мавзӯъ ва масъалагузорӣ ғанӣ мегардонад. Зеро асосҳои назариявӣ- методологии тадқиқот дар доираи

асосҳои консептуалӣ, бо ба инобат гирифтани шарҳи ҳамгироӣ ва таҷзияи илмҳо, ташаккули назарияҳои таснифоти илм, методологияи таснифи илмҳо, илмҳои назарӣ ва амалӣ, илмҳои ақлӣ ва нақлӣ, инчунин асоснок кардани заминаҳои пайдоиш ва ташаккули мафҳумҳо ва илмҳои мухталиф ба танзим дароварда шудааст.

Мақсад ва вазифаҳои кори тадқиқотӣ мувофиқ ба талаботи меъёрҳои муқарраршуда мувофиқ буда, ҳамоҳанг бо қисмати навгониҳо ва қисмати ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошанд. Зимни пажӯҳиш методҳои назариявӣ ва амалии донишҳои илмӣ, аз ҷумла мушоҳида, муқоиса, санҷиш, таҳлил ва таркиб, коркарди мавод, усули герменевтикӣ, аксиологӣ, ҷамъбастнамоӣ, воқеъбинӣ, мантиқият, таърихият ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Ҷанбаи назарияviву амалӣ ва навоварии кор дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ** кӯшиш кардааст, то дар асоси таҳлил ва омӯзиши маводи мавҷуда, моҳияти таснифоти илмро ҳамчун методологияи таснифоти илм дар тули асрҳои миёна, аз ҷумла дар таълимоти машшоиёни шарқӣ муайян карда, таъсири назариявии онро ба рушди минбаъдаи фалсафаи асрҳои миёна нишон диҳад.

Навгонии мазкур ба сифати муқарраароти асосии таҳқиқот барои ҳимоя ба тариқи зайл пешниҳод карда мешаванд:

- зимни таҳқиқ аввалин бор муайян гардид, ки шаклҳо ва навъҳои гуногуни илмҳо моҳиятан ягонагӣ ва ваҳдатеро дар худ нигоҳ медоранд. Баррасии хусусиятҳои таснифоти илм робитаи байни онҳоро нигоҳ доштан аст, то ягонагӣ ва низомеро ба вуҷуд биоварад.Яке аз аслҳои таснифот он аст, ки бояд зиддияти таркибҳои таснифот дар робитаи байниҳамдигарии илмҳо набошад;

- раванди пажӯҳиш ошкор кард, ки сарфи назар аз он, ки нахустин бор пайдоиши мактаб ва маводҳои таълимӣ, китобу дастурҳои фардӣ (монография) дар мавзӯъҳои мухталиф дар замони Афлотун ва Арасту навишта шуданд, аммо машшоиёни шарқӣ бори нахуст онҳоро ба низом дароварда, китоби алоҳидае бо номи “Иҳсо ал-улум”ва рисолаҳои мустақиле, мисли “тақсими улуми ақлӣ”дар ин замина ба вуҷуд оварданд;

- зимни таҳқиқи осори фарҳангии Эрони бостон, ки омехтаи устура ва таърих аст ва дар заминаи категоряҳои ахоқӣ ва эҳтиёҷоти амалии инсон таснифоти илмҳо сурат гирифтааст дар рисола аввалин бор ташккули мафҳумҳо ва таснифу табақабандии илмҳо аз нигоҳи илмӣ таҳлилу баррасӣ шудааст. Ин мафҳумҳо ва масъалаҳо бозгӯкунандаи шинохти олам, камолоти инсонианд, ки минбаъд асоси илмҳои диншиносӣ, инсоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ гаштанд;

- таҳқиқоти мазкур муайян кардааст, ки бо ворид шудани дини ислом дар фарҳанги тоҷик илмҳо ба ваҷҳи дигар ташаккул ёфтанд. Яъне, бо таъсири фарҳанги исломӣ, юнонию эронӣ мактаби машшоияи шарқӣ ба вуҷуд омад, ки бештар ба ақл ва усулҳои мантиқ такя мекард.

- пажӯҳиш нишон медиҳад, ки бори аввал мақоми таснифоти илмҳои фалсафаи машшоия дар таснифоти муосири илмҳо таъсири бузург гузоштааст. Ба назари муҳаққиқ, мубрамияти мавзуъро маҳз ҳамин масъала бештар ташкил додаст, ки вобаста ба мавқеияти таснифоти илмҳо дар замони муосир дуруст аст.

Натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсияро метавон минбаъд барои иҷрои тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи таърихи фалсафа, ҷомеашиносӣ, ахлоқ ва фарҳангшиносӣ, инчунин, ҳангоми таҳия кардани маҷмӯаҳои таълимӣ-методӣ, тавсияҳои илмӣ-методӣ ва курси мухтасари лексияҳо оид ба таърихи фалсафа мавриди истифодабарӣ қарор дод. Илова бар ин, маводи таҳқиқшуда, натиҷа ва хулосаҳои бадастомадаро ҳангоми хондани курсҳои махсус ва тадриси фанни таърихи фалсафаи тоҷик низ истифода намудан мумкин аст.

Автореферат, монография ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф моҳияти диссертатсияро фаро гирифта, ба он ҳамоҳанг карда шудаанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмахмад Бобо дар мавзӯи «Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва мақоми он дар таснифоти муосири илм» кори илмии комилу анҷомёфта мебошад, ки ба ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа пурра мувофиқат дорад ва онро метавон барои ҳимоя тавсия намуд.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафа қабул гардид. Дар ҷаласа иштирок карданд 19

нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушода, ҷиҳати ба ҳимоя пешниҳод шудани диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмахмад Бобо ба тариқи зайл сурат гирифт:

тарафдор - 19 нафар; зид - нест, бетараф нест.

Суратҷаласаи №1 аз 28.08.2019.

**Раисикунандаи ҷаласа,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессори**
**кафедраи онтология ва назарияи маърифат** **С. Ахмедов**

**Мудири кафедраи таърихи фалсафа**
**ва фалсафаи иҷтимоии факултети**
**фалсафаи ДМТ, н.и.ф., дотсент** **Ш. Т. Амирхон**

**Котиби ҷаласа, дотсенти кафедра** **Б. С. Амондуллоев**

**Имзои С.Ахмедов ва Ш.Т. Амирхонро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Э. Тавкиев**